# 36370 - Ӯ пуле надорад вале мехоҳад аз номи каси дигар бар ивази пул ҳаҷ кунад

**савол**

Марде аз номи худ ҳаҷ накардааст ва барои адои ҳаҷ маблағе ҳам надорад, оё барояш ҷоиз аст, ки пул бигирад, то аз номи мурда ё пиронсол ҳаҷ намояд?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Барои инсон ҷоиз нест, ки аз номи каси дигаре ҳаҷ кунад, пеш аз он ки аз номи худ ҳаҷ намояд. Асос дар ин масъала ҳадисест, ки Ибни Аббос (Аллоҳ аз он ду хушнуд бод) ривоят кардааст. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мардеро шунид, ки мегуфт: "Лаббайк ъан Шубрума". Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ба ӯ гуфт: **«Оё аз номи худ ҳаҷ кардай?»** Гуфт: Не. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: **«Аввал аз номи худ ҳаҷ кун, сипас аз номи Шубрума»**.   Абудовуд ин ҳадисро ривоят кардааст. Албонӣ онро дар китоби "Ал-Ирво" (994) саҳеҳ донистааст.

Тавфиқ аз ҷониби Аллоҳ аст.